# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.01.2024, №59

Барои сазовор донистани Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, таҳти №122/шд) 2-юми ноябри соли 2023, суратмаҷлиси №54 барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич 7-уми августи соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияи Айнӣ таваллуд шудааст. Соли 2018 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси “Забони англисӣ” хатм кардааст. Солҳои 2018-2020 шуъбаи магистратура ва солҳои 2020-2023 шуъбаи докторантураи PhD-и назди кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Айни ҳол дар вазифаи омӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Мамадназаров Абдусалом** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва **Саъдиева Гулистон Фатоевна –** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар –** Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров – Азимова Саноат Раҳматовна, котиби илмии ҷаласа – муаллими калон Набиҷонова Зебохон Абдуғафуровна имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода А.И. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Раҳматуллоев М.С. Саҳми вожагони иқтибосӣ дар истилоҳоти журналистика дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М. С. Раҳматуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – № 1 (90). – Душанбе, 2021. – С. 112-115.

[2-М] Раҳматуллоев М.С. Тавсифи этимологии истилоҳоти журналистика дар забони англисӣ / М. С. Раҳматуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 3. – Душанбе, 2021. – С. 57-63.

[3-М] Раҳматуллоев М.С. Таҳлили этимологӣ ва сарчашмаи пайдоиши якчанд истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / М. С. Раҳматуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – № 5 (94). – Душанбе, 2021. – С. 74-77.

[4-М] Раҳматуллоев М.С. Таҳлили сохторӣ-морфологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М. С. Раҳматуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 3. – Душанбе, 2022. – С. 49-56.

[5-М] Раҳматуллоев М.С., Мамадназаров А. Корбурди аффиксҳои истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ / А. Мамадназаров, М. С. Раҳматуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 3. – Душанбе, 2023. – С. 26-31.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва маҷаллаҳои илмии дигар:**

[6-М] Раҳматуллоев М.С. Мафҳуми «истилоҳ», «истилоҳшиносӣ», «майдони истилоҳӣ» ва «системаи истилоҳот» дар забоншиносӣ / М. С. Раҳматуллоев // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ». – Душанбе, 2022. – С. 110-115.

[7-М] Раҳматуллоев М.С. Вижагиҳои сохтории истилоҳҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли истилоҳоти журналистика) / М. С. Раҳматуллоев // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». 3 октябри соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 125-129.

[8-М] Раҳматуллоев М.С. Таърихи пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / М. С. Раҳматуллоев // Конференсияи илмӣ-назарии ҷумҳуриявӣ бахшида ба амалигардонии «Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон». 8 декабри соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 117-119.

[9-М] Раҳматуллоев М.С. Пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ / М. С. Раҳматуллоев // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба «Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ». 11 марти соли 2023. – Душанбе, 2023. – С. 148-150.

[10-М] Раҳматуллоев М. С. Пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ / М. С. Раҳматуллоев // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба «Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ». 11 марти соли 2023. – Душанбе, 2023. – С. 150-153.

[11-М] Раҳматуллоев М. С. Тавсифи этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ / М. С. Раҳматуллоев // маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии забоншиносии типологӣ-муқоисавӣ, забоншиносии тоҷик ва усулҳои нави омӯзиши забонҳои хориҷӣ». 14 апрели соли 2023. – Душанбе, 2023. – С. 602-610.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тағоева Т.М мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудаанд:

- дар автореферат пайиҳам иқтибосҳоро овардан қори шоиста нест. Чунин ҳолат дар саҳифаҳои 3, 4, 5-и фишурдаи диссертатсия ба чашм мерасад.

- дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия мисолҳо оиди истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ангуштшумор мебошанд (с.17, 18, 19, 20 ва ғ.)

- хуб мешуд, ки муҳаққиқ бештар ба рисолаву корҳои манзуми забоншиносон ва типологони тоҷик такя менамуд, то ки ҳусну фасоҳати диссертатсия дигаргун мегашт.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насруддинов С.М. низ мусбат буда, ҳамчунин, эроди зерин манзур шудааст:

- дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизова М.Ҳ. низ мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудаанд:

- дар автореферат муаллиф ба шумораи зиёди номгӯи сарчашмаҳои илмӣ нисбат ба тарҷума ва назарияи забон ишора кардааст, аммо на ҳама вақт дар меъёри зарурӣ фикру мулоҳзаҳои танқидӣ дорад.

- дар автореферат хатогиҳои техникӣ, махсусан дар истифода бурдани насаби олимон вуҷуд доранд, онҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– заминаҳои назарии омӯзишу пажуҳиши муқоисавии вижагиҳои истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ гардиданд;

– мафҳумхои «истилоҳ», «системаи истилоҳот», «истилоҳшиносӣ» ва «майдони истилоҳӣ» ва вазифаҳои асосии истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосир муайян карда шуданд;

– таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ анҷом дода шуд;

– вижагиҳо ва роҳҳои асосии вожасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ – истилоҳ-вожаҳо, ибораистилоҳҳо; иборасозӣ ва истилоҳот сода дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ гардиданд;

– усули сарфии сохтори истилоҳоти рӯзноманигорӣ ва вижагиҳои сохтории истилоҳҳои сохта дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян карда шуд;

– усулҳои сарфию наҳвӣ ва наҳвии сохтори истилоҳоти рӯзноманигорӣ, истилоҳҳои мураккаб, ибора истилоҳҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ гардидаанд;

– вижагиҳои маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян карда шуд;

– хусусиятҳои этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ ва муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ гардиданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бо таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ ва маъноӣ меъёрҳои асосии таснифи истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз рӯйи мансубияти сохторӣ, маъноӣ, соҳавӣ ва мавзуӣ муқаррар карда шудаанд. Усулҳои таҳлили сохтории қиёсӣ ва этимологии истилоҳоти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар омӯзиши истилоҳоти соҳаҳои дигар низ метавонад истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои муайян намудани қонунҳои умумӣ ва мушаххаси амалкард ва инкишофи низоми истилоҳоти рӯзноманигорӣ, аниқ кардани васила ва тарзҳои пурсамари истилоҳофаринӣ дар риштаи рӯзноманигорӣ равона шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** диссертатсия зимни таълифоти фарҳангҳои дузабона, баргузории семинарҳо ва нашр кардани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад. Диссертатсия дар хондани лексияҳои назарӣ, машғулиятҳои амалӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, магистрӣ ва дипломӣ дар факултетҳои марбут ба илмҳои филологӣ ва журналистика судманд хоҳад буд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватаниву хориҷӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби усули таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ пешниҳод карда шудаанд.

Дар таълифи диссертатсия чунин фарҳангу донишномаҳо, ба монанди Christopher H. “Encyclopedia of Journalism” (2009); Harcup T. “A dictionary of journalism” (2014), Салихов Н. Н., Афсахзод А. А. “Журналистика в терминах и понятиях: Энциклопедический словарь системы СМИ” (2007); Муродов М. “Краткий словарь терминов и понятий журналистики” (2011); Аминов А., Афсаҳзод А., Нуралиев А., Саъдуллоев А., Саъдуллоев Ҷ. “Фарҳанги тафсирии русӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика” (2013); Мамадназаров А. “Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ” (2015); Мюллер В. К. “Большой англо-русский и русско-английский словарь” (2007); Иматшоева М., Мамадназаров А., Муродов М.

“Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти журналистика” (2015); Муродов М. “Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ” (2016) истифода шудаанд.

**Саҳми фардии диссертант** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 3 сол ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи ҷамъовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул шуда, дар ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф намуда, дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун бо маърузаҳои илмӣ суханронӣ кардааст. Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25-уми январи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар (фармоиши КОА аз 29.05.2023, № 122/шд), аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 13 нафар иштирок намуданд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.

25.01.2024.